**“Тасдиқ менамоям”**

Ректори Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ш.Панҷакент
профессор_______________Ансорӣ М.Қ.
«14» 03. 2022с.

# ХУЛОСАИ

ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯ ВА ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОИИ ДОНИШКАДАИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР Ш.ПАНҶАКЕНТ

Диссертатсияи номзадии Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент ба анҷом расидааст.

Дар давраи омодагӣ ба таълифи рисола Худойназаров М.А. ба сифати унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент фаъолият бурдааст.

Худойназаров Меҳроҷиддин Ашӯрович соли 2008 факултети математика ва информатикаи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакентро бо дипломи аъло аз рӯи ихтисоси омӯзгори фанҳои математика ва информатика (мутахассис) хатм намудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Худойназаров М.А. аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” соли 2021 дода шудааст.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” тайин шудааст.

Диссертатсияи номзадии Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович дар ҷаласи васеи кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филология ва таҳсилоти ибтидоии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент бо иштироки муқарризони холис Абдуллоев Шавкат Усмонович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети тарбияи ҷисмонӣ ва табиатшиносӣ ва Ғаффоров Мизроб Ҷалилович– номзади илмҳои филология, дотсент, муҳокима гардид.

**Аз рӯи маърузаи унвонҷӯ, суолу ҷавоб, гузоришоти муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Масъалаҳои ҷаҳонбинии диалектика бо тасдиқи мавқеи инсондӯстии ҳаёти фаъоли шахсӣ, рушди ташаббусҳои коллективӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, халқ дар маҷмӯъ, аз он ҷумла, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ марбут аст. Дар шароити муосир асоснок намудани механизми ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди таълим махсусан муҳим аст. Муҳимияти ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони ҷавон имрӯз пеш аз ҳама бо тағйироти куллии ҷомеаи мо дар тамоми сатҳҳо муайян мегардад, ки азнавсозии тафаккурро талаб мекунад. Агар ташаккули ҷаҳонбинии илмии ҷамъиятӣ талаботи исроркоронаи такмили ҷомеа бошад, пас нисбати ҷавонон ва дар маҷмӯъ ба хонандагон аҳамияти бағоят муҳим дорад. Ин муаммо дар назди олимон ва муассисаҳои таълимӣ вазифаи бознигарии роҳҳои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагонро дар ҷомеаи зудтағйирёбанда мегузорад. Дар баробари ин коркарди нокифояи назариявию амалии масъалаи таҳқиқот мубрамияти онро собит менамояд.

Ҳадафи аслии таҳқиқотро асосноксозии назариявӣ ва таъмини методии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули

ҷаҳонбинии илмии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Барои ҳалли ҳадафи гузошта шуда чунин вазифаҳои таҳқиқот гузошта шудааст:

–ошкор намудани шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон;

–коркард ва тариқи таҷриба санҷидани амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон;

–таҳия ва коркарди таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон;

–озмоиши санҷишӣ ва таҷрибавии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон.

Навгонии илмии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин ифода ёфтааст:

–амсилаи педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва коркард шудааст;

–шартҳои педагогии истифодаи технологияи инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд;

–меъёрҳову сатҳи ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) дар асоси истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим таҳия шуданд;

–шаклу усулҳои асосӣ ва воситаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

Аҳамияти назарии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаҳои баъди таҳқиқоти мазкур ба даст омада дар ҷанбаи назариявии таълиму тарбияи хонандагон саҳми муайян мегузоранд, кадоме, ки ба

рушди характери шахсияти хонанда нигаронида шудааст, мафҳумҳои асосии «ҷаҳонбинии илмӣ» ва принсипи сохтори ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагонро пурра месозад. Сохтори ташаккули ҷаҳонбинии хонандагони МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самаранокии кор оид ба ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон мусоидат мекунад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода ёфтааст, ки:

–маводҳои дидактикӣ дар шакли адабиёти электронӣ, модули ҷадвалии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон омода карда шудааст;

–дастурҳои методӣ оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар раванди таълим таҳия шудаанд;

–натиҷаҳои ҳосилшуда метавонад чун базаи иттилоотӣ барои таҳияи монография ва дастурҳои таълимӣ-методӣ аз рӯи мавзӯи марбут ба ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон ҳангоми истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим истифода шаванд.

Мавзӯи таҳқиқоти илмии Худойназаров М.А. як қисмати муҳими нақшаи илмӣ-тадқиқотии кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент буда, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мазмун ва мундариҷаи кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст.

Диссертатсия ба таври мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ва донишкадаҳо таҳия гардидааст.

Дар диссертатсия асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон–

ошкор карда шудааст; амсилаи истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим барои ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон коркард ва тариқи таҷриба санҷида шудааст; таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон таҳия ва коркард шудааст; истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим ва таъминоти методии ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон аз озмоиши санҷишӣ ва таҷрибавӣ гузаронида шудааст

Нуктаҳои асосии диссертатсия, натиҷаҳои тадқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот, арзёбии диалектологии раванди таълиму тарбия, равшану возеҳ будани фарзия (асоснокии он, дастрасӣ) асос меёбанд.

Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, инчунин таҳлили шартҳо ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи тадқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

Тавсияҳои педагогии дар рисола пешниҳод гардида метавонанд ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои такмили мазмун ва мундариҷаи шаклу усулҳо ва воситаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон кӯмаки амалӣ расонад.

Натиҷаҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосии рисола дар семинарҳои илмӣ-назарии кафедраи педагогика ва психология, конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи устодони Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, дар конференсияҳои илмӣ-назарии ҷумҳуриявию вилоятӣ ироа гардидаанд.

Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Мундаричаи асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 8 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла дар 3 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии пешниҳоднамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мактабҳои олӣ ва илми ФР инъикос ёфтаанд.

Диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯрович “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ-назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва Тартиби бақайдгирии давлатии диссертатсияҳои ҳимояшуда» аз 30 июни соли 2021, № 267 муқаррар гардидааст, пурра ҷавобгӯ аст.

Шурои олимон дар асоси музокираи ҷаласа ва тақризҳои мусбати муқарризони холис Абдуллоев Шавкат Усмонович – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети тарбияи ҷисмонӣ ва табиатшиносӣ ва Ғаффоров Мизроб Ҷалилович– номзади илмҳои филология, дотсенти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент диссертатсияи Худойназаров Меҳрожидин Ашӯровичро дар мавзӯи “Шартҳои педагогии истифодаи технологияҳои инноватсионии таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” кори тахассусии анҷомёфта шуморида, онро барои ҳимоя
аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филология ва таҳсилоти ибтидоии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент муҳокима ва қабул гардид.

Иштирок доштанд: 20 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” –20 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” –нест. Қарори №8 аз 10.03.2022с.

Раиси маҷлис,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
раиси шурои олимони факултети филология
ва таҳсилоти ибтидоии Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ш.Панҷакент З.О.Мақсудов

Муқарризон:
номзади илмҳои педагогӣ Ш.У.Абдуллоев
номзади илмҳои филологӣ М.Ғаффоров

Котиби илмии шуро А.А.Қурбонова

*Имзои З.О.Мақсудов, Ш.У.Абдуллоев, М.Ғаффоров ва А.А.Қурбоноваро тасдиқ мекунам.*
*Сардори ШК ва КМ Донишкадаи омӯзгории*
*Тоҷикистон дар ш.Панҷакент Қурбонов М*

**Маълумот барои тамос:** 735500 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Панҷакент, к.Рӯдакӣ 106. тел. (+9923475) 54050,532269. почтаи элек.: tou@bk.ru